# ҶАЛБИ ДОНИШҶӮЁНИ ФАКУЛТЕТИ БИОЛОГИЯ БА ЧОРАБИНИҲОИ ОМӮЗИШӢ ДАР МАСЪАЛАҲОИ ЭКОЛОГӢ ВА ИҚЛИМ

Донишчуёни фаъоли факултети биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ҳасанов Бахтулло, Шарипов Шуҳрат, Зайниддинова Муаттара ва Муҳибаи Саймумин дар нахуст тренинги омузишии “Нақши ҷавонони ДМТ дар амалигардии Ҳадафҳои рушди устувор” иштирок намуданд.

Мақсад аз баргузории чорабинӣ, шинос намудани донишҷуён ба асосҳои «Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ)» аз ҷониби СММ қабулгардида, ғани гардонидани сатҳи дониши онҳо вобаста ба масъалаҳои экологӣ, табодули таҷриба байни донишҷӯён, васеъ намудани доираи ҷаҳонбинии онҳо ва омода намудани тренерон ва аъзои гурӯҳи олимпӣ оид ба Ҳадафҳои рушди устувор буд. Дар ин тренинги омузишӣ мавзӯъҳои зерин (ҲРУ, Тағирёбии иқлим ва паёмадҳои ногувори он вобаста ба об, Саҳми ҷаҳонии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарии бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти ҲРУ, Таълими босифат, Баробарии гендерӣ, Дастрасии ҳама ба оби тоза ва санитарӣ, Тағйирёбии иқлим ва энергияи тоза, “Нексус вобастагии об, Энергия ва ғизо (NEXUS)”, Алоқаи ҲРУ ва муҳоҷирати экологӣ”, Роҳҳои сарфакоронаву оқилона истифодабарии манбаъҳои обии ошомиданӣ ва дигар паҳлуҳои муҳими он) пешбинӣ гардид.

Дар охир мувофиқи талаботи тренинг иштирокчиён вазифадор шуданд, ки донишҳои омухтаи худро дар кафедраҳо ва ба дигар донишҷӯёну ҳамсабақонашон омӯзонанд.






IOM
N MIGRATION


IOM
UN MIGRATION
IOM
UN MIGRATION
СЕРТИФИКАТ


ИНТЕРНАЦИОНАЛИЗАЦИЯ ВЫСШЕГО ОБРАЗОВАНИЯ И МЕЖДУНАРОДНОЕ СТРАТЕГИЧЕСКОЕ ПАРТНЕРСТВО:
ОПЫТ ТНУ
(Душанбе, Таджикистан)


IOM
UN MIGRATION

